**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ**

Рисолаи илмии Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» таълиф гардидааст, ки аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсионии Давлатзода А. Ш. дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити муосир яке аз хатарҳои асосӣ ин таҳдиди ифротгарории динӣ ба фарҳанги миллӣ мебошад, ки ҳамчун падидаи номатлуб шинохта шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар кори илмии худ, мавзӯи матраҳгардидаро ба он асоснок мекунад, ки ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили бесуботсозии ҷомеа арзёбӣ гардида, барои рушди минбаъдаи кишвар дар ҳамаи самтҳо ҳамчун манбаи таҳдид ба шумор меравад.

Маҳз аз ин нуқтаи назар, муаллиф қайд менамояд, ки бояд моҳияти ифротгароии динӣ таҳлил карда шуда, хусусият ва роҳҳои таъсири он ба ҷомеа баррасӣ гардида, муайян карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки асоси ҳар як кори диссертатсиониро сарчашма ва адабиётҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳад. Гарчанде, ки муаллиф қайд намудааст, ки мавзӯи барои таҳқиқи илмӣ пешниҳодшуда дар ҷумҳурӣ мавзӯи нави таҳқикотӣ ба шумор мераваду корҳои назаррас кам ба назар мерасанд, вале бо вуҷуди ин муаллиф кӯшиш намудааст, ки сарчашмаҳои зиёдеро истифода барад. Муаллиф дар кори диссертатсионии худ аз мақола ва асарҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба соҳаҳои фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ғайра пурмаҳсул истифода намудааст. Инчунин муаллиф барои тақвияти фикраш аз манбаъҳои электронии интернетӣ ва ВАО васеъ истифода намудааст.

Омӯзиши бобҳои алоҳидаи диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, иҷро гардидааст. Давлатзода А. Ш. дар асоси ҳадафи асосии таҳқиқот, ки шинохт ва ошкорсозии хусусиятҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон, махсусан таъсири он ба фарҳанги миллӣ мебошад, кӯшиш намудааст, ки мавзӯъро ба тафсил ва объективона таҳқиқ намояд. Дар раванди баррасии ҳадафи асосӣ, муаллиф моҳияти мафҳумҳои “ифротгароӣ”, “ифротгароии динӣ”,

“тундгарой”, “бунёдгарой” ва дигар мафҳумҳои ба мавзӯъ алоқамандро шарҳу тавзеҳ дода, моҳият, шаклҳои зуҳур, қишрҳои таъсирпазир ва роҳҳои пешгирӣ аз ин зуҳуроти номатлубро баррасӣ менамояд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро истифодаи методҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ ва дигар методҳову усулҳои маъмул ташкил медиҳанд.

Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат мебошад, ки муаллиф ба таҳлили асосҳои назариявии масъала пардохта, аввалин бор хусусиятҳои зуҳури ифротгароии диниро ошкор намуда, таъсири онро ба фарҳанги миллӣ ҳамчун хатари ҷиддӣ арзёбӣ карда, мавриди таҳлили фалсафӣ қарор додааст. Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои асосии навоварии кори илмии мазкур аз он иборат аст, ки дар он ифротгароии динӣ ҳамчун падидаи номатлуби ҷомеаи муосир дар иртибот бо сабабҳо ва омилҳои зуҳури он дар муносибат ва алоқамандии он бо терроризм на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби якуми кори диссертатсионӣ, ки “Омилҳои пайдоиши равияҳои ифротгароии муосири динӣ ва таълимоти зиддимиллии онҳо” ном дорад, асосан дар он ҷанбаи назариявии мавзӯъ баррасӣ гардидааст. Дар ин боб оид ба мафҳум, моҳият, хусусиятҳо ва омилҳои пайдоиш ва зуҳури ифрогароии динӣ дар замони муосир таҳлилҳо ба назар мерасанд. Инчунин муаллиф бо дарки воқеият, масъалаи таъсири равияҳои ифротиро на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ тахлил менамояд. Инчунин дар зербоби сеюми боби якум, муаллиф дар бораи муносибати дину фарҳанг аз нуқтаи назари муносибатҳои иртиҷоии гурӯҳҳои ифтротӣ истода мегузарад. Муаллиф қайд менамояд, ки моҳияти таълимот ва хусусиятҳои ташкилотҳои иртиҷоӣ танҳо аз номи дин ва арзишҳои динӣ буда, аслан хусусияти такфирӣ ва таҳдидӣ доранд. Чунин тарзи муносибат ба амнияти ҷомеа ва кишвар хатар ворид намуда, ба асосҳои давлати миллӣ ва пойдории он таҳдид мекунад.

Асосан мавзӯи рисолаи диссертатасионӣ ва ҳадафи гузошташуда дар боби дуюм, ки “Хатари равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ” ном дорад, ба таври муфассал кушода шудааст. Дар ин боб ва зербобҳои он моҳияти таҳдидафкан доштани ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ба фарҳанг ва давлати миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин замина хусусиятҳои зуҳур ва таъсири ин гурӯҳҳо ба ҷомеа баён гардидааст.

Ҳамин тариқ, дастоварди асосии кори диссертатсионии мазкур, ин ироаи фикр ва мулоҳизаҳои худи муаллиф дар рисола аст, ки ба таври

васеъ ба назар мерасад. Махсусан дар охири ҳар як зербоб хулосаҳои худи муаллиф ба назар мерасанд, ки аз савияи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ доштани муаллиф дарак медиҳад.

Ногуфта намонад, ки муҳтавои асосии кор ба таври муъҷаз дар автореферати диссертатсия оварда шудааст, ки иборат аз 26 саҳифа буда, ба забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума гардида дар шакли як маҷмуа ба чоп расидааст. Автореферати диссертатсияи мазкур ба меъёрҳои илмӣ ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо, дар кори диссертатсионии мазкур хатоҳои имлоӣ, маъноӣ, услубӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд. Вале ин иштибоҳҳо моҳияти илмиву пажуҳишӣ доштани диссертатсияи мазкурро кам намекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» кори илмии тахассусии анҷомёфта буда, ба меъёрҳои "Низомнома оид ба тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ, Ректори**
**Донишкадаи исломии Тоҷикистон**
**ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Зокирзода Н.М.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ 58/1,
Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа,
тел.: + 992 908 908 515 ; 224 13 78
email: nusrat68@mail.ru

**Имзои Зокирзода Н.М. тасдиқ мекунам.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои ДИТ** **Ҷомадов Х. А.**